# ХУЛОСАИ
## шурои диссертатсионии 6D.KOA-O18-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисоси ҳуқуқшиносӣ

Парвандаи аттестатсионии №_____
Қарори шурои диссертатсионӣ аз
23-юми декабри соли 2025, №105

Барои сазовор донистани Ҳакимзода Яқуб Бахтиёр, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисоси ҳуқуқшиносӣ.

Диссертатсияи Ҳакимзода Яқуб Бахтиёр дар мавзуи «Масъалаҳои асосии шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг) тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисоси 6D030100 – Ҳуқуқшиносӣ (6D030103 - Ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмиллалии хусусӣ), дар таърихи 14-уми октябри соли 2025 суратмаҷлиси №99 аз ҷониби шурои диссертатсионии 6D.KOA-O18-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, кӯчаи Буни Ҳисорак, толори шурои диссертатсионии факултети ҳуқуқшиносӣ, дар асоси фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7-уми январи соли 2022, № 16/шд) (бо тағйири ҳайат аз 5 июли соли 2024 № 224/шд) ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Ҳакимзода Яқуб Бахтиёр 13-уми июли соли 1998 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Мавсуф соли 2016 ба факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил шуда, соли 2020 муассисаи мазкурро бо ихтисоси «ҳуқуқшиносӣ» хатм намудааст. Пас аз хатми донишгоҳ номбурда барои идомаи таҳсил ба шуъбаи магистратураи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси «танзими ҳуқуқи молия ва қарз» дохил шуда, соли 2022 зинаи мазкурро низ бо дипломи аъло хатм кардааст.

Номбурда аз соли 2023 то ин ҷониб ба ҳайси ассистенти кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолият менамояд.

Мавсуф бо фармоиши ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 27-уми октябри соли 2022, №412-05 ба ҳайси докторанти PhD-и кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул гардидааст.

Ҳакимзода Яқуб Бахтиёр имтиҳони маҷмӯиро санаи 18-уми июни соли 2025 бо баҳои аъло супорида, маълумотнома оид ба хатми докторантура аз рӯйи ихтисос, доктор PhD аз 29-уми августи соли 2025, №03/212-04 аз ҷониби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дода шудааст (фармоиши ректори Донишгоҳ аз 25-уми августи соли 2025, №253-05).

Диссертатсия 30-юми августи соли 2025, (суратмаҷлиси №1) дар кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон муҳокима ва ба ҳимоя тавсия шудааст.

**Роҳбари илмӣ:**

Мирзозода Парвон Зайнолобуддин доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, декани факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

Аминова Фарида Маҳмадаминовна – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, мудири кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи (славянии) Россия ва Тоҷикистон.

Абдуллозода Зебонисо Файзулло – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, Раиси Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар:**

Муассисаи таълимии «Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон» (ш. Душанбе).

Дар хулосаи мусбати додашудаи муассиса, ки аз ҷониби муқарриз Бобозода Ҷамрод Қурбон – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тодикистон, (ихтисос: 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ) омода гардида, аз ҷониби раиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ ва молиявии Донишгоҳи молия ва иқтисоди Тоҷикистон Табаров Н.А. ва котиби ҷаласа номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ ва молиявии Донишгоҳи молия ва иқтисоди Тоҷикистон Оралбоев Х.Х. имзо шуда, аз тарафи Ректори Донишгоҳи молия ва иқтисоди Тоҷикистон номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Сатторзода Б.А. санаи 1-уми декабри соли 2025 тасдиқ шудааст, қайд менамоянд, ки диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, тахти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, ақидаҳо, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои назариявӣ

ва амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Ҳамзамон, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон дода, асоснокӣ ва мубарамияти онҳо тасдиқи худро ёфтаанд.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия ва моҳияти он 24 маводи илмӣ, аз ҷумла 10 мақола дар маҷаллаҳои аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тақризшаванда, 12 мақола дар маҷаллаҳои дигар ва 2 маводи дигари илмӣ ба табъ расонидааст. Интишороти ӯ нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**Муҳимтарин интишороти доктор PhD аз руйи мавзуи диссертатсия:**

**I. Мақолаҳои-илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**


[1-М]. Ҳакимов Я.Б. Мафҳум ва хусусиятҳои иҷораи молиявӣ (лизинг) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] // М.М. Соҳибзода, Я.Б. Ҳакимов // Идоракунии давлатӣ. – 2021. – №1(50). – С. 148-156; ISSN 2664-0651

[2-М]. Ҳакимов Я.Б. Шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг): мафҳум ва хусусиятҳои он [Матн] // М.М. Соҳибзода, Я.Б. Ҳакимов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ). – 2021. – №5. – С. 218-225; ISSN 2413-5151

[3-М]. Ҳакимов Я.Б. Танзими ҳуқуқии шаклҳои хусусигардонии моликияти давлатӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] // Я.Б., Ҳакимов, Ш. Раҳимзода // Қонунгузорӣ. – 2021. – №2 (42). – С. 160-168; ISSN 2410-2903

[4-М]. Ҳакимов Я.Б. Таърихи пайдоиш ва инкишофи лизинг дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] // Я.Б. Ҳакимов // Қонунгузорӣ. – 2021. – №3 (43). – С. 76-80; ISSN 2410-2903

[5-М]. Ҳакимов Я.Б. Таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии танзими давлатии ҳосилхезгардонии заминҳои таъиноти кишоварзӣ бо қонунгузории давлатҳои хориҷӣ [Матн] // Я.Б. Ҳакимов, Ҷ.С. Сухробзода // Қонунгузорӣ. – 2021. – №4(44). – С. 86-91; ISSN 2410-2903

[6-М]. Ҳакимов Я.Б. Танзими ҳуқуқии муносибатҳои лизинг (иҷораи молиявӣ) дар соҳаи кишоварзӣ [Матн] // Я.Б. Ҳакимов, М.А. Тоҷиддинов // Қонунгузорӣ. – 2022. – №1 (45). – С. 97-102; ISSN 2410-2903

[7-М]. Ҳакимов Я.Б. Мафҳум ва хусусиятҳои шартномаи иҷораи молиявӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] // П.З. Мирзозода, Я.Б. Ҳакимов // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – 2023. – №1(41). – С. 127-139; ISSN 2307 − 5198

[8-М]. Ҳакимов Я.Б. Предмети шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг) [Матн] // П.З. Мирзозода, Я.Б. Ҳакимов // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон – 2023. –№4(32) – С.130-146; ISSN 2414-9217

[9-М]. Ҳакимов Я.Б. Асосҳои қатъ гардидани шартномаи лизинг тибқи қонунгузории мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] // Я.Б. Ҳакимов // Қонунгузорӣ. – 2024. – №4 (56). – С. 149-155; ISSN 2410-2903

[10-М]. Ҳакимов Я.Б. Падидаи иҷораи молиявӣ (лизинг) дар мамлакатҳои хориҷӣ: таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ [Матн] // Я.Б. Ҳакимов // Идоракунии давлатӣ. – 2024. – №4/2 (70). – С. 396-404; ISSN 2664-0651

**II. Мақолаҳое, ки дар маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ ба табъ расидаанд:**

[11-М]. Хакимов Я.Б. О понятии финансовой аренды и лизинга [Текст] // М.М. Сохибзода, Я.Б. Хакимов // XVIII International correspondence scientific specialized conference «International scientific review of the problems of Law, Sociology and Political science». (Boston. USA. January 26-27, 2021). – С. 4-14.

[12-М]. Ҳакимов Я.Б. Рушд ва инкишофи лизинг дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] // Я.Б. Ҳакимов // Танзими ҳуқуқии самтҳои алоҳидаи соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзӯи «Рушди қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба самтҳои алоҳидаи соҳибкорӣ» аз 7-уми октябри соли 2021) зери таҳрири докторони илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессорон Раҳимзода М.З., Сангинов Д.Ш. – Душанбе: Матбааи ДМТ. – 2021. – С. 322-332.

[13-М]. Ҳакимов Я.Б. Танзими ҳуқуқии шартномаи лизинг дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] // Я.Б. Ҳакимов // Национальная правовая система Республики Таджикистан и стран СНГ: анализ тенденций и перспектив развития: материалы IX Международная научно-практическая конференция, посвященная 30-летию независимости Республики Таджикистан и 25-летию Российско-Таджикского (Славянского) университета (Душанбе, 15-16 октября 2021 г.). – Душанбе: РТСУ, 2021. – С. 52-57.

[14-М]. Ҳакимов Я.Б. Баъзе андешаҳо оид ба таърихи пайдоиш ва инкишофи лизинг дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] // Я.Б. Ҳакимов // Маводи конференсияи илмӣ-амалии олимони ҷавони ДМТ бахшида ба «Рӯзи ҷавонони Тоҷикистон» ва «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» (солҳои 2020-2040) 18-19-уми майи соли 2023. – Душанбе – 2023. С.60-64.

[15-М]. Хакимов Я.Б. Некоторые мысли об истории возникновения и развития лизинга в республике Таджикистан [Текст] // Я.Б. Хакимов // International scientific-practical journal. «Endless light in science». Almaty. Kazakhstan (25 June 2023). - С. 281-284.

[16-М]. Ҳакимов Я.Б. Истифодаи падидаи лизинг (иҷораи молиявӣ) дар соҳаи кишоварзӣ [Матн] // П.З. Мирзозода, Я.Б. Ҳакимов // International scientific-practical journal. «Endless light in science». Almaty. Kazakhstan (25 September 2023). – С. 88-92.

[17-М]. Ҳакимов Я.Б. Ҳуқуқу уҳдадориҳои лизингдеҳ тибқи қонунгузории иҷораи молиявӣ (лизинг) [Матн] // Я.Б. Ҳакимов // Маводҳои конференсияи байналмилалии илмию назариявӣ дар мавзуи «Масъалаҳои назариявии ташаккули фарҳанги ҳуқуқи инсон дар Тоҷикистон» (5-уми декабри соли 2023). – Душанбе – 2023. С.548-559.

[18-М]. Ҳакимов Я.Б. Табиати ҳуқуқии шартномаи лизинг дар ҳуқуқи маданӣ [Матн] // П.З. Мирзозода, Я.Б. Ҳакимов // Маводи конференсияи илмӣ назариявии профессорону омӯзгорони кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бахшида ба «30-юмин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва эълон гардидани соли 2024 «Соли маърифати ҳуқуқӣ» зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, декани факултети ҳуқуқшиносии ДМТ Мирзозода П.З. ва номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии ДМТ Мавлоназарзода О.А. – Душанбе: ҶДММ «Аршам». – 2024. – С. 56-68.

[19-М]. Ҳакимов Я.Б. Ҳуқуқу уҳдадориҳои лизинггир тибқи шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг) [Матн] // Я.Б. Ҳакимов // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ бахшида ба 100-солагии Виктор Аркадевич Ойгензихт «Танзими ҳуқуқии сайёҳӣ ва сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, узви пайвастаи АМИ Тоҷикистон Раҳимзода М.З., номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии ДМТ Шонасридинов Н. – Душанбе: Матбааи ДМТ. – 2024. – С. 186-195.

[20-М]. Ҳакимов Я.Б. Таҳлили ҳуқуқии муқоисавии падидаи иҷораи молиявӣ (лизинг) дар мамлакатҳои хориҷӣ [Матн] // Я.Б. Ҳакимов, Ш.У. Саидов // Международная научно-практическая конференция «Актуальные проблемы современности: взгляд молодёжи», посвящённая 30 – летию Конституции Республики Таджикистан и году Правового просвещения (Душанбе, 24 мая 2024 г.). – Душанбе: РТСУ, 2024. – С. 188-203.

[21-М]. Ҳакимов Я.Б. Ҳуқуқу уҳдадориҳои фурӯшанда тибқи шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг) [Матн] // П.З. Мирзозода, Я.Б. Ҳакимов // Ҳуқуқи

инсон: масъалаҳои назарӣ ва амалӣ: маводҳои конференсияи байналмилалии илмию назариявӣ (6 декабри соли 2024) / Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Мирзозода П.З. – Душанбе: Сомон Принт – 2024. С.80-85.

[22-М]. Ҳакимов Я.Б. Ҳуқуқҳои субъектони самти тиҷоратикунонии натиҷаҳои фаъолияти илмӣ ва илмию техникӣ [Матн] // Я.Б. Ҳакимов // Маҷмӯаи мақолаҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи «Масъалаҳои мубрами танзими ҳуқуқии тиҷоратикунонии натиҷаҳои фаъолияти илмӣ, илмию техникӣ ва паркҳои технологӣ: ҳолат, мушкилот ва дурнамо» (Бахшида ба 15 солагии таъсисёбии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон гардидани соли 2024) (24-уми декабри соли 2024) // Зери назари номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Саидзода И.Ҳ. – Душанбе: «Меҳроҷ-граф», 2024 – С.73-83.

**III. Маводи дигари илмии нашргардида:**

[23-М]. Ҳакимов Я.Б. Тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ислоҳоти замин» (тафсири оммавию илмӣ ва амалӣ): нашри аввал [Матн] / Я.Б. Ҳакимов, М.М. Соҳибзода, Ф.Ш. Шарифзода, М.А. Қодирзода, Ш.Х. Одиназода, М.А. Тоҷидинов, И.И. Исмоилӣ, Ҳ.Р. Раҳмонов, Ш.Б. Қодиров, Б.С. Шерзода. – Душанбе: Меҳроҷ-граф, 2022. – 168 с.

[24-М]. Ҳакимов Я.Б. Тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тиҷоратикунонии натиҷаҳои фаъолияти илмӣ ва илмию техникӣ» (тафсири оммавию илмӣ ва амалӣ): нашри аввал [Матн] // Зери таҳрири Саидзода И.Ҳ. – директори Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент / Я.Б. Ҳакимов, И.Ҳ. Саидзода, М.М. Соҳибзода, Ф.С. Сулаймонов, Н.Ф. Сафарзода, Ш.Х. Одиназода, М.А. Тоҷидинов, М.Т. Тоирзода, Б.С. Шерзода. – Душанбе: Контраст, 2024. – 232 с.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

Самадзода Б.О. – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва байналмилалии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон;

Маҳмадшозода Ф.А. – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, сардори Раёсати робитаҳои хориҷӣ, байнипарламентӣ, ташрифотӣ ва ташкили кори Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

Абдураҳимзода С.Қ. – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқ ва идораи давлатии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав»;

Абдуллозода Ё.М.– номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, сармутахассиси Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, дар онҳо баъзе эроду тавсияҳои ҳусусияти мубоҳисавӣ дошта пешниҳод шудааст. Масалан, муаллиф дар банди 2 нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда қайд менамояд, ки «вобаста ба мавқеи шартномаи лизинг дар низоми шартномаҳои ҳуқуқи маданӣ ҳаминро қайд кардан бамаврид аст, ки шартномаи лизингро бо дарназардошти мақсаднокӣ, субъект, объект ва мазмунаш ба ин ё он шартнома вобаста намудан ғайриимкон аст. Дар низоми шартномаҳои ҳуқуқи маданӣ шартномаи лизинг бо доштани хусусиятҳои худ ба шартномаҳои омехта дохил шуда, аз дигар шартномаҳо фарқ дошта, онро ба ин ё он шартнома мансуб донистан мувофиқи мақсад намебошад». Албатта ин ақидаи муаллиф қобили дастгирист, аммо аз тарафи ӯ хусусиятҳои фарққунандаи шартномаи лизинг аз шартномаҳои дигари ҳуқуқи маданӣ ба таври мушаххас пешниҳод карда нашудааст.

**Муқарризон ва муассисаи пешбар** бо назардошти мукаррароти бандҳои 61-70 ва 74-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми июни соли 2023 №295) тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд.

Ҳамчунин, интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо аз руйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, дар сатҳи дахлдор таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд ва корҳои илмӣ таҳқиқотии онҳо ба масъалаи гуногуни кори илмии анҷомдодашуда, алоқамандии зич доранд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

**- коркард карда шуд:** дар доираи таҳқиқоти диссертатсионӣ таҳлили мукаммали як қатор масъалаҳои муҳимми дорои аҳаммияти илмӣ ва амалӣ анҷом дода шудааст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пажуҳиши нахустини илмӣ дар ин соҳа маҳсуб мешавад. Пешниҳодҳое ироа мегарданд, ки барои такмили қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дар назар гирифтани воқеиятҳои муосир ва талаботи муомилотии маданӣ равона шудаанд;

**- муайян карда шуд:** падидаи иҷораи молиявӣ ба шартномаи лизинг асос ёфта, давоми солҳои охир шумораи шартномаи мазкур дар муомилоти ҳуқуқи маданӣ назаррас буда, риояи қонунгузорӣ ва шартҳои пешбинишуда оид ба шартномаи мазкур муҳим арзёбӣ шуда, танзими самараноку дурусти ҳуқуқии мадании он барои ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои тарафҳо зурур мебошад;

**- пешниҳод шудааст:** масъалаи умумият ва фарқияти истилоҳи «иҷораи молиявӣ» ва «лизинг», инчунин мазмуну мавқеи шартномаи лизинг дар низоми дигар шартномаҳои ҳуқуқи маданӣ мавриди таҳлил қарор дода шуда, муайян гардид ки истилоҳи «лизинг» васеъ буда, на танҳо нисбат ба «иҷораи молиявӣ», балки ба «лизинги амалиётӣ», «лизинги баргардонидашаванда» ва дигар намудҳои он татбиқ карда мешавад. Масъалаи мазкур, бо дарназардошти таҳқиқоти муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, таърихи пайдоиш, таҷрибаи байналмилалӣ, мазмуни этимологӣ ва таҷрибаи амалии ташкилоту ширкатҳои лизингӣ асоснок карда мешавад;

**– исбот шудааст:** як қатор мафҳумҳои назариявии дар рисола таҳияшуда, пешниҳодҳои илмиву амалии манзуршуда метавонанд барои рушду инкишофи назарияи ҳуқуқи маданӣ, такмили қонунгузорӣ ва таҷрибаи ҳуқуқтатбиқкунӣ имконияти мусоид фароҳам оварда метавонад;

**– ворид намудани** тағйиру иловаҳо ба қонунгузории амалкунанда ба инобат гирифта, онҳоро дар таҳқиқи минбаъдаи муқарраротӣ назариявӣ ва амалӣ оид ба моҳияти шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг) дар ҳуқуқи маданӣ истифода бурдан мумкин аст.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқот бо он асоснок карда шудааст, ки:** хулосаҳои дар рафти таҳқиқоти диссертатсионӣ бадастомада, пешниҳодҳои манзуршуда ва тавсияҳои пешниҳодшуда метавонанд ба ҳалли мушкилоти назариявӣ ва амалии танзими ҳуқуқи мадании шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат намоянд. Тавсия ва таклифҳои дар таҳқиқот пешниҳодшударо ба мақсади такмил додан ва мукаммал намудани қонунгузории ҶТ дар соҳаи лизинг истифода намудан мумкин аст. Ҳамзамон, натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ барои мақомоти ҳуқуқтатбиқкунанда ва ташкилоту ширкатҳои лизингӣ ҳангоми баррасии баҳсҳои аз шартномаҳои лизинг ба вуҷуд меомада муфид хоҳанд гашт.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта:** эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот ба таҳлили воқеъбинона ва ҳамаҷонибаи таҳқиқоти назариявӣ ва амалии марбут ба паҳлуҳои гуногуни масъалаҳои танзими ҳуқуқии мадании шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг), натиҷаҳои бадастомадаи илмӣ, хулоса ва пешниҳодҳои манзуршуда асос мeёбад;

**- баён шудани** мафҳуми шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг), ки метавонад ҳам дар сатҳи илмиву назариявӣ ва ҳам дар соҳаи амалӣ – ҳангоми таҳия ва такмили қонунгузорӣ, омода кардани ҳуҷҷатҳои шартномавӣ, ҳамчунин дар ҷараёни ҳалли баҳсҳое, ки аз шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг) бармеоянд, истифода гардад;

**- мушаххас гардидани** он ки шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг) ба таври мустақим бар манфиатҳои молумулкӣ ва манфиатҳои иҷтимоии

шаҳрвандон таъсир мегузорад, бояд танзими он бо ҳадафи пешгирӣ аз хатарҳои эҳтимолӣ, ки метавонад боиси талафоти ҷиддии моддӣ гардад, равона карда шавад. Дар сурати мавҷуд набудани механизми самараноки таъмини ҳуқуқии шартнома эҳтимоли зиёде вуҷуд дорад, ки тарафҳо расонидани зарари моддӣ, аз ҷумла аз даст додани ҳуқуқи моликият ё қисми зиёди дороиҳои молумулкӣ ба вуҷуд ояд;

- **омӯхта шуданд:** дар ҷараёни пешбурди таҳқиқоти илмӣ 3 давра мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Дар давраи аввал мафҳуми «иҷораи молиявӣ» ва таносуби он бо «лизинг» ва дигар мафҳумҳои шабеҳ, инчунин заминаҳои таърихӣ-ҳуқуқии падидаи иҷораи молиявӣ (лизинг) мавриди пажӯҳиш қарор гирифтааст. Дар давраи дуюм, табиати ҳуқуқӣ ва унсурҳои шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг), аз ҷумла мафҳуму хусусиятҳои шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг) мавзуъ ва объекти он, ҳамзамон вазъи ҳуқуқии тарафҳои шартномаи лизинг таҳлил гардидааст. Дар давраи сеюм, мазмун ва масъалаҳои асосҳои қатъ гардидан ва ҷавобгарии ҳуқуқии тарафҳои шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг) баррасӣ шудааст. Дар ин давра оид ба таҳқиқоти илмии анҷомдода, хулосаҳои назариявӣ ва амалӣ манзур карда шудаанд;

- **аз нав такмил додани** қонунгузорӣ вобаста ба самтҳои мухталифи танзими ҳуқуқии мадании шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг) ва дар робита ба ин ба таври расмӣ-ҳуқуқӣ муқаррар гардидани ҳуқуқу манфиатҳои иштиродорони шартномаи мазкур.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия, чунин тасдиққарда мешаванд, ки:** ба муқарраротп қонунгузории амалкунанда ва мавқеи доктринаи ҳуқуқӣ аломатҳои муҳимме, ки ба ин категория хосанд, равшан карда шавад. Таваҷҷуҳи хосса ба ҷудо намудани мафҳумҳои «лизинг» ва «иҷораи молиявӣ» аз манзари таносуби онҳо бар асоси таснифоти робитаи умумӣ равона шудааст, ки имконият фароҳам меоянд то вазъи ҳуқуқӣ ва вазифаи функсионалии онҳо дар сохтори муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ дақиқтар муайян карда шавад;

– **муайян карда шуданд,** ки хулосаҳо, асоснокии илмии онҳо, мутобиқати мантиқии дохилӣ, таҳлили ҳаматарафаи назариявӣ ва амалии мушкилоти танзими ҳуқуқии мадании шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг) бо дарназардошти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳлили маводи илмӣ ва амалӣ оид ба таҳқиқот, инчунин усулҳои татбиқгардидаи таҳқиқоти илмӣ, ҳамчунин мутобиқати диссертатсия ба талаботи муқарраршуда, ифода мегардад;

– **офарида шуд, ки:** Дар ном ва матни Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон *«Дар бораи иҷораи молиявӣ (лизинг)» калимаи «иҷораи молиявӣ (лизинг)»* хориҷ карда шуда, ба ивази он калимаи «лизинг» илова карда шавад.

– **муаррифӣ карда шуд, ки:** Дар шароити иқтисоди бозоргонӣ ва кафолати дастгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ молу мулк мавқеи марказӣ дошта, дар заминаи муомилоти озоди он иштирокдорони муносибатҳои ҳуқуқӣ бо роҳҳои мухталиф истифодаю гузариши онро анҷом медиҳанд. Кафолати мазкур аз муқарраротӣ Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои қонунгузорӣ бармеояд. Лизинг василаи муҳим дар раванди қонеъ гардондани талаботи шахсон буда, дастовардҳои нодири инсоният барои дастрасии мусоид ба неъматҳои моддӣ ва пайдоиши ҳуқуқ, инчунин анҷом додани фаъолияти соҳибкорӣ аст. Дар ин замина, моҳияти асосии лизинг фароҳам овардани имконияти мусоид ва мувофиқ барои ба даст овардани ҳуқуқи моликият ва истифодаи молу молу ба шумор меравад.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки** натиҷаҳои илмӣ, пешниҳоду хулосаҳо, инчунин, тавсияҳои амалие, ки дар таҳқиқоти диссертатсионӣ баён шудаанд, ба сарчашмаҳои қонунгузорӣ ва амалияи судӣ асос ёфта, онҳо дар заминаи маълумотҳои гуногуни оморӣ ва ҷамъбасти амалияи судӣ ба даст оварда шудаанд.

– **барои корҳои таҷрибавӣ:** Танзими самараноки ҳуқуқии мадании шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг) барои дастёбӣ ба як қатор ҳадафҳои муҳим мусоидат мекунад: коҳиш додани таваккал ва зиёнҳо, пешгирии ихтилофҳо ва баҳсҳо, рафъи номуайянии ҳуқуқӣ ва нофаҳмиҳо байни тарафҳо, инчунин таҳкими устувории муомилоти мадани.

**– ғоя асоснок шудааст:** Истилоҳи «лизинг» ҳам дар ҳуқуқи миллӣ ва ҳам дар ҳуқуқи байналмилалӣ ба таври васеъ истифода мешавад ва ҳамчун қоида як категорияи умумиеро ифода менамояд, ки дар муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ ба таври васеъ истифода менамояд.

– **муайян шудаанд:** Иҷораи молиявӣ (лизинг) мувофиқ ба талаботи қонунгузорӣ ба шартномаи лизинг асос ёфта, ба субъектони истеҳсолкунанда аз нуқтаи назари иқтисодию ҳуқуқӣ ҳамчун чораҳои ҳавасманднамоӣ, ба монанди бо фоизҳои паст харидорӣ кардани молу мулк, ба даст овардани фоида аз истифодабарӣ ва монанди инҳо шароити мусоид фароҳам меорад.

– **истифода карда шуданд:** маводҳои амалияи судӣ ва ҳуқуқтатбиққунӣ, қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шартномаҳои намунавӣ, ки дар ташкилотҳои лизингӣ истифода мешаванд, ҳамчунин ҳуҷҷатҳои мақомоти дахлдори давлатӣ дар ҳудуди ҷумҳурӣ анҷом медиҳад, ташкил мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот;** саҳми шахсии муаллиф бо ширкати бевоситаи ӯ дар таҳқиқоти диссертатсионӣ, пешбарии фикру ақидаҳо, тавсияҳо бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ, мафҳумҳо, хулосаҳо ва нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод карда

мешаванд, дар мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо, иштирок дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ исбот карда мешаванд. Ҳамзамон, масъалагузорӣ ва сабки диссертатсия саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳанд.

Дар маҷлиси шурои диссертатсионӣ аз 23-юми декабри соли 2025 қарор қабул карда шуд, ки ба Ҳакимзода Яқуб Бахтиёр дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисоси ҳуқуқшиносӣ дода шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7-уми январи соли 2022, №16/шд (бо тағйири ҳайат аз 5-уми июли соли 2024, №224/шд) тасдиқ гардидааст 16 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо 5 нафарашон доктори илм ва 1 нафар номзади илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб меравaнд. Аз 16 нафар аъзои Шуро 15 нафар ба таври ҳузурӣ ва 1 нафар ба таври маҷозӣ иштирок карданд. Аз 16 нафар аъзои Шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта, овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисоси ҳуқуқшиносӣ 16 нафар, муқобил - нест, бюллетенҳои беэътибор - нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Азиззода У.А.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Қодиров Н.А.

23-юми декабри соли 2025